**МАЪРӮЗА**
**«ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2018 ВА ВАЗИФАҲО ТО ОХИРИ СОЛИ 2018»**

Дар ҷаласаи васеи мушовараи имрӯзаи Агентии омор ҷамъбасти фаъолияти кории мақомоти омор дар нуҳ моҳи соли 2018 ва иҷрои вазифаҳо то охири сол мавриди натиҷагирӣ ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор, Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 ва Нақша чорабиниҳои тасдиқгардидаро сармашқи фаъолиятии кории мақомот қарор дода, маҷмӯи тадбирҳои ҳадафнокро роҳандозӣ намуда, дар нуҳ моҳи соли 2018 ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид.

Барномаи тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корҳои оморӣ барои соли 2018” ва вазифаҳои дар назди мақомот дар нуҳ моҳи соли 2018 гузошташуда пурра иҷро карда шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2018 дар маҷмуъ 7,4 ҳазор корҳои омории банақшагирифташуда пурра иҷро карда шуданд, ки ин раванд вобаста ба даврият ва муҳлатҳои муайяншудаи ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисоботҳои оморӣ ва таҳқиқотҳои интихобӣ инчунин таҳияи маҷмӯаву буллетенҳои оморӣ ва гузоришҳои таҳлиливу паҳннамоии маълумотҳои омориро дар бар мегирад.

Дар доираи барномаи корҳои оморӣ бо мақсади фарогирии нишондиҳандаҳои омории бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, савдо, хизматрасонӣ, нарх ва буҷаи хонавода таҳқиқотҳои интихобии оморӣ аз рӯи даврияти муайяншуда анҷом дода шуд (13- таҳқиқотҳои оморӣ).

Тибқи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби Агентии омор 30 маҷмӯаҳои оморӣ, 171 буллетени оморӣ, 53 маълумоти оморӣ, 75 иттилооти таъҷилии оморӣ ва 61 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр гардида, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод карда шуданд.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2018 нишон дод, ки дар ин давра ба Агентӣ 476 - Амру фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришҳо, нусха аз пайнавишти ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву чорабиниҳо инчунин 58 - қонуну - қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1175 - мактубҳои вазорату идораҳо, 254 - мактубҳо аз мақомоти маҳаллии омор, 159 - мактубҳо ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ ва 25 муроҷиати шаҳрвандон бо таври хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, сари вақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Агентии омор натиҷаҳои таҳқиқоти “Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон”, ки дар соли 2017 гузаронида шуда буд, бо гурӯҳҳои техникӣ ва коршиносони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода, аввалин натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҷамъбаст ва нашр намуда, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод намуд.

Лозим ба қайд аст, ки дар нашрияи аввали натиҷаҳои таҳқиқоти “Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон” маълумот оид ба таваллуд ва истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ, солимии занон ва кӯдакон, ғизои занон ва кӯдакон, фавти кӯдакони навзод ва кӯдакони синни то 5 сола, бохабар будан аз масъалаҳои

вобаста ба вируси норасоии масунияти одам ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда инчунин дигар нишондиҳандаҳои вобаста ба солимии аҳолӣ маълумоти оморӣ оварда шудааст, ки нашрияи мазкур дар сомонаи расмии Агентии омор барои дастрас будан ба ҳамаи истифодабарандагони иттилооти оморӣ ҷойгир карда шуд.

Аз руи натиҷаҳои таҳқиқоти ҷамъбастшудаи тиббӣ-демографӣ нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (бахши тандурустӣ, нишондиҳандаҳои гендерӣ) омода шуда, бозҳисоби ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ва Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (барои соли 2017) аз руи таҳқиқоти корхонаҳои хурд дар доираи кумаки Лоиҳа амалӣ гардид.

Ҳамчунин дар ҳисоботи солонаи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ бо истифодаи маълумотҳои хоҷагии ҷангал ва захираҳои оби тибқи методологияи низоми баҳисобгирии экологию иқтисодӣ омода карда мешавад.

Инчунин натиҷаи таҳқиқотҳои яқвақтаинаи оморӣи дар доираи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор» гузаронида шуда, пурра ҷамъбаст гардида ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод карда шуданд.

Лозим ба қайд аст, ки бори нахуст дар давраи соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқоти “Вазъи захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи самараноки он” дар доираи Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” дар соли 2017 гузаронида шуда, дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар ин замина тавозуни сузишворию энергетикӣ дар ҷумҳурӣ омода карда шуд. Нишондодҳои таҳқиқоти мазкур инъикоскунандаи татбиқи ҳадафи стратегии кишвар – расидан ба истиқлолияи энергетикӣ; ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои максималии имконпазири афзоиши истеҳсоли захираҳои энергетикӣ бо роҳи вусъат додани содирот ва маҳдуд намудани воридот маҳсуб меёбад.

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваи корӣ, дар доираи лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” гузаронида шуда буд, методологияи арзёбии иқтисодиёти мушоҳиданашаванда омода гардида, бо вазорату идораҳои дахлдор ба мувофиқа расид ва тасдиқ карда шуд.

Аз рӯи натиҷаи ҳамаи корҳои иҷрошуда ҳисоби пурраи нишондиҳандаҳои оморӣ, аз ҷумла Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ ҳисоб карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои Супориши Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Агентии омор якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ пурсиши аҳолии синну соли қобили меҳнат (15-75 сола) ҷамъбаст карда шуда, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шуд.

Айни замон муайян намудани аҳолии маҳалҳои шаҳрӣ ва инфрасохтори зарурӣ (мавҷудияти иншоотҳои маишии хизматрасонӣ), аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кулоб дар марҳилаи ҷамъбастӣ қарор дошта, маълумоти ҷамъбастии он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, ироа доштанд, вобаста ба мукаммал намудани шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумот, тавассути сомонаи Агентӣ пешниҳоди 21 шакли ҳисоботи оморӣ, аз ҷумла дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ 8 шакли ҳисоботи оморӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуд. Роҳандозии чорабинии мазкур имконият дод то сарфаи вақт ва истифодаи самараноки технологияи муосири электронӣ ба даст оварда шавад.

Илова ба ин, гузариш ба китоби электронии хоҷагии хонавода дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Нораки вилояти Хатлон ва ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд самараи хуб ба бор дода, ташаббуси мазкур имруз дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Спитамен, Ҷаббор Расулови вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои Кулоб, Кушониён, Вахш, Ҷалолиддин Балхӣ, М.С.А.Ҳамадонӣ ва Восеи вилояти Хатлон ва ноҳияи Тоҷикобод аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ ёфта, дохилкунии маълумотҳо идома доранд.

Дар накшаи минбъдаи стратегии рушди омори миллӣ (солҳои 2018-2022) масалаи мазкур ҳамроҳ карда шуда, заминагузорӣ барои таҳияи регистри аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамчунин тамоми нишондиҳандаҳои аҳолӣ, аз ҷумла оид ба соҳаи кишоварзӣ, шуғл, маориф, шароити манзил, техникаю чорво аниқ карда мешаванд.

Бо мақсади баҳисобгирии пурраи маълумот оид ба аҳолие, ки дар маҳаллаҳои аҳолинишини деҳот зиндагӣ мекунанд, хоҷагии онҳо, ҳисоби саршумори чорво, замини наздиҳавлигӣ, замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва фонди манзил бо фармоиши Директори Агентии омор шаклҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳот ва дастурамал оиди пур кардани китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо аз 6 марти соли 2018, №19 барои солҳои 2018-2022 таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №291 аз 31 майи соли 2018 «Дар бораи таъмин намудани мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои солҳои 2018-2022» микдори зарурии китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо аз нашр бароварда ва ба мақомотҳои омори вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастрас карда шуд.

Тибқи банди 1-и қарори мазкур масъалаи гузариш ба китобҳои электронии баҳисобгирии хоҷагиҳо дар давоми солҳои 2018-2022 мебошад.

Қадами минбаъда дар ин самт татбиқ намудани Лоиҳаи минбаъдаи Стратегияи Рушди миллии омор барои солҳои 2018-2022 мебошад, ки лоиҳаи мазкур бо ҷалби коршиносони миливу байналмиллалӣ таҳия гардида, айни замон дар мувофиқаи вазорату идораҳо қарор дорад.

Агентии омор дар самти мукамалгардонии шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ корбарӣ намуда истодааст.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби ҳайати Шӯрои методологии Агентӣ иҷрои як қатор корҳо анҷом дода шуданд:

Аз ҷумла; мутахассисони мақомоти омор дар якҷоягӣ бо мутахассисони вазорату идораҳо бо мақсади мукамалгардони ҳисоботҳои омории байниидоравӣ корбарӣ намуда, ба як қатор шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ тағйиру иловаҳо ворид намуданд; аз ҷумла ҳисоботҳои омории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2-ҳисобот), Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-ҳисобот), Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-ҳисобот).

Дар самти ихтисор ва ё барҳамдиҳии шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ низ иҷрои корҳо идома доранд дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ 14-шаклҳои ҳисоботи оморӣ ихтисор карда шуда, 4 шаклҳои нави ҳисоботҳои оморӣ ҷорӣ карда шуданд.

Дар маҷмӯъ бо мақсади мукаммал гардонидани шаклҳои ҳисоботи оморӣ ба 20 намуди шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд ва дар давоми ду соли охир зиёда аз 18 - шаклҳои ҳисоботҳои омории соҳаҳои наклиёт, савдо, хизматрасонӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳо ихтисор карда шуданд, ки ин ба кам гардидани сарбории ҳисоботсупорандагон боис гардидааст.

Илова ба ин, вобаста ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ба ҳисоботҳои омории соҳавӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар стратегияи дарозмуҳлати мақомоти омор махсусан масоили азнавкунонии методологияи оморӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани механизми автоматикунонии иҷрои корҳо, гузаронидани мониторинги вазъи воқеии макроиқтисодӣ, ҷорӣ намудани таснифотҳои омори байналмилалӣ ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои системаи омори миллӣ ва усулҳои ташаккули онҳо ва дигар мақсадҳои низоми умумии паҳн намудани маълумоти оморӣ пешбинӣ гардидааст.

Маҳз бо мақсади таъмини мукаммалгардонии ҳисоботҳои оморӣ ва ҳамоҳангсозии маълумоти оморӣ бо меъёрҳои байналмилӣ соли ҷорӣ ҳисоботҳои омории соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба талаботи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодии тафсири 2 -юм (ТУНФИ-2) мутобиқ карда шуд.

Бо ин мақсад аз ҷониби шӯрои методологии Агентии омор мониторинги ҳисоботҳои омории соҳаҳо гузаронида шуд, ки дар натиҷа бо назардошти гузариш ба Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодии тафсири – 2 ҳисоботҳои оморӣ аз рӯи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷудо карда шуданд. Дар ин раванд шаклҳои ҳисоботи оморӣ оид ба фаъолияти иқтисодии корхонаву ташкилотҳо ва мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ аз рӯи соҳаҳо мукаммал гардонида шуда, аз соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, савдо ихтисор гардида ба соҳаҳои молия ва системаи ҳисобҳои миллӣ гузаронида шуд. Инчунин 2 - шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ аз соҳаи хизматрасонии пулакӣ ба соҳаи сохтмон гузаронида шуданд.

Дар ин раванд шуруъ аз моҳи январи соли ҷорӣ дар соҳаи омори савдо ҷудо намудани нишондиҳандаи савдои яклухт ва дар соҳаи омори хизматрасонӣ хизматрасонии шахсони ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шуд, ки ин амал раванди пайгирӣ ва фарогирии нишондиҳандаҳои омории соҳаҳоро инъикос менамояд.

Агентии омор лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», ки аз 29 майи соли 2015 шуруъ гардида то 30-июни соли 2018 пешбини гардида буд, ҷамъбаст намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи татбиқи Лоиҳаи мазкур солҳои 2015-2018 зиёда аз 50 вазифаҳои дар назди мақомоти омор гузошташуда иҷро гардиданд.

Аз ҷумла: такмили сомонаи Агентӣ дар робита ба қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ки аз моҳи майи соли 2018 дар мавриди истифода қарор дорад.

Ҳамчунин лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи омори давлатӣ” ва лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022 таҳия карда шуд, ки айни замон дар марҳилаи мувофиқаномоӣ бо вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Илова ба ин, бо мақсади ташаккули омори расмӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ташрифи коршиносон оид ба ҷорӣ намудани модели умумии раванди бизнес-равандҳои оморӣ (GSBPM-5.0), таъсиси китобхонаи электронӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, арзёбии фаъолияти ғайрирасмӣ ва такмили таҳқиқоти соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи саноат амалӣ гардид.

Инчунин панҷ таҳқиқотҳои оморӣ гузаронида шуданд. Дар раванди гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ бошад таҷҳизотҳои нави замонавӣ харидорӣ ва насб гардида, шабакаи ягонаи дохилӣ таъсис дода шуд. Илова ба ин, методологияи ҷамъоварии ҳисоботҳои оморӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ такмил дода шуданд ва дар самти паҳнамоии маълумотҳои оморӣ низоми нави паҳнамоии иттилоот аз рӯи стандарти SDMX ба роҳ монда шуд.

Дар самти баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомот ташрифи коршиносон аз рӯи компонентҳои алоҳидаи лоиҳа амалӣ гардида, зиёда аз 20 сафарҳои омӯзишӣ барои 70 нафар корманди Агентии омор ба кишварҳои Туркия, Олмон, Чехия, Полша, Филиппин, Испания, Литва, Латвия, Қирғизистон,

Федератсияи Руссия, Озарбойҷон, Белорус, Қазоқистон, Молдова ташкил карда шуд. Пас аз омӯзиш дар мактаби олии иқтисодии Федератсияи Русия 12 нафар мутахассис соҳиби сертификат шуданд. Дар баробари ин барои кормандони Агентии омор курсҳои омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ташкил шуд, ки пас аз хатми курсҳои мазкур бо сертификат сарфароз гардида шуданд (50 - нафар).

Дар самти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021 дар нуҳ моҳи соли 2018 иҷрои як қатор корҳоро амалӣ гардидан.

Дар ин давра ҷаласаи навбатии гурӯҳи кории байниидоравӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо баргузор карда шуд, ки тибқи рӯзномаи баргузории ҷаласа масъалаҳои вобаста ба омодагӣ барои гузариш ба Системаи ҳисобҳои миллии семоҳа ва баррасии Таснифоти миллии ҳунарҳои мардумӣ, баҳисобгирии омории ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Лозим ба қайд аст, ки аз рӯи стандарти Системаи ҳисобҳои миллӣ– 2008, аксари давлатҳои ҷаҳон Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро аз рӯи истеҳсолот ва хароҷот ҳар семоҳа таҳия менамоянд. Бо мақсади дар сатҳи миллӣ ҷорӣ намудани стандарти мазкур шакли ҳисоботи омории 1 – фаъолияти истеҳсолӣ такмил дода шуд ва аз семоҳаи аввали соли 2018 ҷамъоварии ҳисоботи мазкур тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Инчунин дар ин давра вобаста ба масъалаи шумораи хоҷагиҳои деҳқонии дар вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва вилояти Суғд бақайдгирифташуда ва тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи зергуруҳи корӣ баргузор гардида масъалаи мазкур мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Мавриди қайд аст, ки Агентии омор вобаста ба корҳои омодагии давраи навбатии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 корҳои муайянеро анҷом дода истодааст.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи давлатии мусоидат ва қоидаҳои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2018” қарорҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо қабул карда шудааст.

Агентии омор дар ҳамкори бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе ва Норак корҳои аввалиндараҷаи тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро идома дода истодааст.

Моҳи июни соли равон ҷаласаи якуми комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ муҳтарам Қоҳир Расулзода, бо иштироки ҳамаи аъзоёни комиссия баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои оид ба “Рафти корҳои тайёрӣ ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”, “Корҳои омодагӣ ба барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2018” ва масъалаи намунаи “рамзи махсус (логотип)-и барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” баррасӣ карда шуданд.

Аз 16 то 21 августи соли равон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва аз 20 то 30 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Турсунзода, бо дастгирии молиявии Хазинаи нуфузи аҳолии Созмони Миллали Муттаҳид, дастурдиҳии омӯзишӣ бо роҳбарони

мақомоти омори маҳаллӣ ва мутахассисони барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили ҷумҳурӣ "Дар бораи барномаи барӯйхатгирии санҷишии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузаронида шуд.

Бахри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №57 "Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018 № 49 "Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаҳои 64 ва 91 шаҳри Душанбе ва шаҳри Нораки вилояти Хатлон" ба имзо расид.

Тибқи фармоиши зикршуда барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 то 24-уми октябри соли равон гузаронида мешавад.

Барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ аз 10 то 15 октябр тариқи Интернет –пурсиши аҳолии маҳаллаҳои 64 ва 91 ш. Душанбе ва шаҳри Нораки (дар сомонаи Агентӣ) ва терминалҳо ҷараён дорад ва аз 15 то 24 октябр барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ бо истифода аз планшет ва варақаҳои барӯйхатгирӣ идома дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки саволномаи варақаҳои барӯйхатгирӣ дар мањаллањои 64 ва 91 шаҳри Душанбе ва маҳалли шаҳрии шаҳри Нораки вилояти Хатлон пурра бо истифода аз планшет пур карда мешавад ва дар маҳалҳои деҳоти шаҳри Норак бошад, бо усули маъмули саволномаи варақаҳои барӯйхатгирӣ дастӣ аз ҷониби ҳисобчиҳо пур карда мешаванд.

Агентии омор ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва "Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии мақомоти омор барои солҳои 2015-2020" ба тасвиб расонидааст, ки вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур барои солҳои 2015 - 2017 ва давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Илова ба ин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омор ва ҳамзамон вобаста ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгарои бо ҷалби мутахассисони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказии Агентии омор ва Муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ ҳамоиш баргузор карда шуд, ки дар ҳамоиши мазкур вобаста ба маҳфумҳои асосии пешгирии корупсия ва шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарой суҳбатҳои озоду кушод баргузор гардид.

Агентии омор тибқи Барномаи корҳои оморӣ ва нақшаҳои амалкунандаи мақомоти омори давлатӣ барои соли 2018 иҷроиши корҳои омориро вобаста ба омори нарху тарифа саривақт таъмин намуд. Дар маҷмуъ ташаккулёбии омори расмӣ оиди нарху тарифаҳо дар низоми миллии омори мамлакат чун дигар соҳаҳои омор дар асоси қонунгузории амалкунанда ва дигар санаду меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи омори давлатӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар самти ҳамкориҳои байнидавлатии оморӣ дар ин муддат корҳо бо Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ идома дошта, ҳисоботҳои моҳона ва семоҳа оиди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби раёсату шуъбаҳои соҳавии дастгоҳи марказии Агентӣ саривақт пешниҳод гардиданд.

Илова ба ин ҳар моҳ барои омодасозии шарҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии индекси нархҳои истеъмолӣ «таваррум дар бахши истеъмолӣ», аз мақомоти омори давлатҳои ИДМ, аз ҷумла аз мақомоти омори Федератсияи

Руссия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон маълумот дастрас карда мешавад ва маълумот оиди сатҳи таваррум дар Тоҷикистон низ ба онҳо ирсол мегардад.

Дар самти модернизатсиякунонии пешбурди маълумоти ҳафтаинаи омори нарх, ки дар доираи Лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» амалӣ карда мешавад корҳо дар самти раванди ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумоти нархҳои ҳафтаина идома доранд ва харидории таҷҳизотҳо ба анҷом расонида шуд, ки ҷиҳати амалинамоии механизми паҳнкунии маълумот тавассути SMS-паёмакҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар назар дошта шудааст.

Инчунин соли ҷорӣ бо шарикони дахлдор оиди ҷамъоварӣ, коркард ва паҳннамоии маълумоти нархҳои ҳафтаина семинари машваратӣ гузаронида шуд.

Агентии омор ҷиҳати иҷрои Нақшаи кори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2018, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2019» ва лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2019» - ро таҳия намуда, бо 36 вазорату идораҳои дахлдор мавриди мувофиқа қарор дода, пешниҳодҳои аз ҷониби вазорату идораҳо манзургардидаро дар лоиҳаи мазкур ворид намуда, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2018 шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда 563,9 ҳазор ададро ташкил намуд, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 558,4 ҳазор ададро ташкил мекунад, ки аз онҳо 517,3 ҳазор адад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ҳамин давра 244,0 ҳазор адад субъекти хоҷагидор барҳам дода шуд, ки аз онҳо 234,2 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Айни замон 319,9 ҳазор адад субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 314,3 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 30,9 ҳазор адад шахсони ҳуқуқӣ, 374 адад филиал – намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 283,1 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ танҳо дар низоми «Равзанаи ягона» бақайд гирифта мешаванд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2018 шумораи умумии субъектҳои соҳибкории бақайдгирифташуда 545 ҳазор ададро ташкил мекунанд, ки аз онҳо 32,7 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, 517,3 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ (патент – 290 ҳазор адад, шаҳодатнома – 73,6 ҳазор адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ – 153,6 ҳазор адад).

Аз оғози бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ тибқи низоми «Равзанаи ягона» то ҳамин давра 243,5 ҳазор адад субъекти соҳибкорӣ барҳам дода шуд, ки аз онҳо 234,2ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Айни замон 306,4 ҳазор адад субъекти соҳибкории фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 23,3 ҳазор адад шахсони ҳуқуқӣ ва 283,1 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Ба ҳолати 8 октябри соли 2018 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) барои семоҳаи сеюми соли 2018 ҷамъбаст гардида, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шуд.

Дар семоҳаи сеюми соли 2018 дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон 1 маротиба озмун барои ишғоли 11 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд. Дар озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 11 ҷойи холӣ 15 нафар довталабон иштирок намуданд. Дар натиҷаи озмун 11 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ 6 нафар дар дастгоҳи марказӣ ва 5 нафар дар мақомоти маҳаллии омори вилоят таъин карда

шуданд. Инчунин дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон бо иштироки 20 нафар аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа ҳаммаашон ба мансабҳои ишғолнамудаашон мувофиқ дониста шуданд.

Дар ин давра дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Суғд 1 маротиба озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, ки дар озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 5 ҷойи холӣ 3 нафар довталабон иштирок намуданд, ки аз натиҷаи озмун 3 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд.

Дар муҳлати сипаришуда дар Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе барои ишғоли ҷойҳои холӣ озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ баргузор карда шуд, ки дар озмун 8 нафар довталаб иштирок намуда аз натиҷаи озмун 2 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардид. Инчунин чор нафар кормандони Сарраёсат дар атестасияи навбатии хизматчиёни давлатӣ иштирок намуда, дар натиҷа ҳар чор нафар ба мансабҳои ишғолнамуда мувофиқ дониста шуданд.

Дар Сарраёсати Агентии омори ВМКБ айни замон ҷойи холӣ мавҷуд набуда, 36 нафар аз рӯи басти вазифаҳо фаъолият доранд, ки аз онҳо 9 нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи умумии кормандон аз рӯи басти вазифаҳо 49 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он шаш ҷойи холӣ буда, айни замон 43 нафар хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

Ба ҳолати 1 октябри соли ҷорӣ дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ аз 527 ҷойи корӣ, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ гардидааст, 492 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд. Аз онҳо 140 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд. Дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Суғд аз 145 ҷой, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ шудааст, 136 нафар фаъолият дошта, 9 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон аз 166 ҷой, 159 нафар фаъолият дошта, 7 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе аз 53 нафар 48 нафар фаъолият дошта, 5 ҷойи холӣ мавҷуд мебошад. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6 ҷойи холӣ дар маҷмуъ ба ҳолати 1 октябри соли 2018 дар мақомоти омор 35 ҷойи холӣ мавҷуд аст.

Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олидошта сол аз сол меафзояд ва айни замон 11 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд. Ҳамзамон, дар давраи сипаришуда 1 нафар дар шаҳри Чиба Япония аз рӯи мавзӯи “Назария ва амалия дар омори расмӣ барои мониторинги ҳадафҳои рушди устувор” ба таҳсил фиристода шуд.

Кормандони Агентӣ, хусусан ҷавонон мунтазам барои таҷрибаомӯзӣ ва табодули назар дар ҷаласа ва семинарҳои омӯзишии соҳаи омор дар ИДМ ва дигар давлатҳои пешрафтаи дунё сафарҳои хизматӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла шаҳрҳои Тифлиси Гурҷистон, Женеваи Конфедератсияи Швейтсария, Венаи Австрия, Еревани Армения, Алматои Қазоқистон, Ослои Норвегия, Кишинёви Молдова, Билбабои шоҳигарии Испания, Чибаи Япония, Киеви Украина ва Аморати Абу Даби.

Дар муҳлати сипаришуда ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“ назорати қатъӣ бурда мешавад ва бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили Рӯзи забон рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда мешавад.

Агентии омор оиди баргузории озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ эълон додааст, ки он дар саҳифаи рӯзномаи “Ҷумҳурият”, сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонда, моҳи ноябр баргузории озмун ва аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори ноҳияҳои тобеи марказро ба нақша гирифтааст. Бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон дар назди Агентӣ дастаи воллейболбозон аз ҳисоби занон ва ҷавонон ташкил карда шуда, ин даста ҳамарӯза баъд аз соати корӣ дар толори варзишии худи Агентӣ тамрин менамояд.

Дар муҳлати сипаришуда бо мақсади ба низом даровардани тарзи либоспӯшии хизматчиёни давлатии мақомоти омор Фармоиши №40 аз 15 феврали соли 2018 оид ба “Тартиби либосҳои тавсиявии кормандони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он” ба тасвиб расида, ҷиҳати иҷроиш ва татбиқи талаботи тартиби мазкур мунтазам чораҳои амалӣ дида мешаванд. Илова ба ин, ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“ назорати қатъӣ бурда мешавад. Инчунин, тибқи иҷрои барқияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2018 №24/10-6 рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда шуд.

Вобаста ба эълон гардидани соли 2018 “Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби Агентии омор нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон пайваста мусобиқаҳои варзишӣ аз қабили футбол, воллейбол ташкил карда мешавад ва дар баробари ин дастаҳои алоҳидаи волейбол ва футбол таъсис дода шудааст, ки дар чорабиниҳои варзишии байни вазорату идораҳо фаъолона ширкат меварзанд.

Дар давоми нуҳ моҳи соли 2018 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентии омор барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмӯъ 635 нафар аз ин шумора ба хориҷи кишвар 84- нафар ва дохили ҷумҳурӣ 551- нафар кормандони Агентӣ ва Муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ сафари хизматиро анҷом доданд, ки аз ин шумора 385 нафар (ба хориҷи кишвар 61 нафар ва дохилӣ 324 нафар) кормандони Агентии омор ва 250 нафар (ба хориҷи кишвар 23- нафар ва дохилӣ 227 нафар) кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ»-и Агентӣ мебошанд.

Аз рӯи ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2018 маълум гардид, ки аз ҷониби сардорони мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии

маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 745 нафар роҳбарон ва шахсони масъули корхонаву ташкилотҳо ба маблағи 256 ҳазору 800 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 236 ҳазору 50 сомонӣ ворид шудааст, ки 91,9 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Агентии омор ҷиҳати идома додан ба корҳои лоиҳакашии сохтани иншоотҳои мақомоти маҳаллии омор, барои Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ва Раёсати Агентии омор дар шаҳри Турсунзода дар доираи маблағҳои мутамарказ дар соли 2017 ва 2018 пешбинигардида, иҷрои як қатор корҳоро ба анҷом расонид ва амалигардонии корҳои пешбинишуда тибқи нақша идома доранд.

Бояд қайд намуд, ки ба истиқболи 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат ба намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла кормандони соҳаи илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва коргарону бинокорон, соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ ва сарбозону афсарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу сохторҳои низомӣ, барои дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги мамлакат, таҳкими сулҳу дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни халқҳо, мукофотҳои давлатӣ, рутбаҳои баланди низомӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супорида шуд.

Дар ин ҷараён барои фаъолияти пурсамари мақомоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар пешрафти соҳа саҳми ҳамаи кормандони мақомот мебошад аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоёни меҳнатӣ ҳайати Роҳбарияти мақомоти омор қадрдонӣ карда шуданд.

Илова ба ин, дар толори маҷлисгоҳи Агентӣ дар вазъияти ботантанавӣ як қатор кормандони мақомоти омор бо ифтихорнома ва раҳматномаи Директори Агентии омор сарфароз гардонида шуданд.

Мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайгирии равандҳои тағирёбандаи рушди иқтисодиёт дар бахшҳои мухталифи ҷомеа ҷиҳати пешниҳод намудани иттилооти боварионоку эътимоднок ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Дар асоси таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бори дигар маълум гардид, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омори маҳаллӣ ҳануз ҳам камбудиву норасоиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи ҷамъбасти фаъолияти мақомоти маҳалии омор дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ муайян карда шуд, ки дар ҷамъбасти саривақтӣ, пешниҳод ва дурустии ҳисоботҳои оморӣ ба дермонӣ ва хатогиҳо роҳ додаанд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба иҷрои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, мақомоти омор вазифадор шудааст, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Бо ин мақсад дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ иҷрои корҳои банақшагирифташуда саривақт амалӣ гардонида шуданд ва амали корҳои дар пешистода тақвият дода мешаванд.

Иҷрои дастуру супоришҳо, қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар моҳҳои минбаъдаи соли 2018 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии барномаи корҳои оморӣ дар соли 2018;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 ироа гардида;
3. Дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани маъракаи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ, ҷалби шарикони рушд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолии санҷишӣ;
4. Пурзур намудани кор дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
5. Таъмини саривақтии иҷрои бандҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
6. Иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт;
7. Иҷрои босифати қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2018/2019”
8. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, зина ба зина, ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0;
9. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, омодагӣ ба гузариш ба стандартҳои махсуси паҳнкунии иттилоот ва системаи ҳисобҳои миллии соли 2008;
10. Вусъат додани корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ барои татбиқи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022;
11. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ бо дарназардошти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи эълон намудани мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”;
12. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
13. Иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
14. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;
15. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ;

16. Дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва ҷалби шарикони рушд таҳия намудани механизми муайян намудани сатҳи табақаи миёна бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар;
17. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.